Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло Султонович ба диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Дисертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат, ки дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шурои дисертатсисонии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст дар доираи ихтисосномаи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷро шуда, ба банддҳои 9.1. Назария, методология, консепсиҳо ва принсипҳои асосии муносибатҳои қарзӣ ҳамчун ҷабҳаҳои пайдоиши низоми қарз 9.3. Инкишофи инфрасохтори муносибатҳои муосири қарзӣ, шакл ва усулҳои қарздиҳӣ; 9.6. Қонунҳо ва тамоюлҳои рушди соҳаи қарзӣ; 9.7. Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ, қонуниятҳо ва ба тамоюлҳои муосири рушд, муносибатҳои мутақобилаи қарз ва гардиши пулӣ, молия, бозори молиявӣ , тақвияти таъсири қарз ба истеҳсолот ва фуруши маҳсулоти ҷамъиятӣ ; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.4. Муаммоҳои таъмини сиёсати мутавозунии бонкӣ дар раванди сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули пассивҳои бонкӣ дар атрофи

тамоми сарчашмаҳо ва захираҳо; 10.6. Рақобати байнибонкӣ; 11.5. Афзалиятҳои сиёсати пулию- қарзии муосир ва вокуниши бахши воқеӣ дар татбиқи он; 11.8. Танзими давлатии ташкилотҳои молиявию қарзӣ мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Маблағгузории хурд дар ҷаҳони муосир яке аз равандҳои рушди низоми молиявӣ буда, дорои таърихи тулонӣ дошта воситаи муҳими баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Маблағгузории хурд имконияти дастрасии аҳолии мамалакатро ба захираҳои қарзии ташкилотҳои молиявию қарзӣ, ташкил ва рушди соҳибкории хурд ва худшуғлшавӣ коҳиш додани сатҳи камбизотии аҳолии кишвар, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва ҳалли праблемаи бекорӣ, ҷалб намудани табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба шуғл, рушди инфрасохторҳои маҳалҳо ва ғайра , фаро меорад.

Маблағгузории хурд, ё қарзҳои хурд ба аҳолӣ пеш аз ҳама ба мардуми камбизоат бе пешниҳоди гарав дода мешавад, ки ин шароит барои ба соҳибкории хурд машғул шудани аҳолӣ муҳаё месозад. Саҳми маблағгузории хурд дар рушди худмашғулшавӣ, ҳунарҳои мардумӣ, азхудкунии бекорхобида ва бунёди боғхо дар деҳоти кишвар хело назаррас аст.

Чи тавре, ки маълум аст асосгузори назарияи муосири қарздиҳии хурд профессори Бангладеши Муҳаммад Юнус мебошад, ки пас аз хатми донишгоҳ дар ИМА ба кишвари худ баргашта лоиҳаи рушди иқтисодии деҳотро роҳбарӣ кард ва зимни боздиди деҳот ба хулосае омад, ки додану кардани қарзи хурд бе пешниҳоди гарав ва фоизи паст метавонад амали асосии таъмини рушди деҳот гардад. Ҳамчунин дар Бангладеш бонки махсус «Граммин» (соли 1976) таъсис ёфт.

Қарздиҳии хурд дар давлатҳои ру ба тараққи, қи сатҳи баланди камбизотӣ доранд воситаи ягонаи таъмини шуғл ва пайдо кардани сарчашмаи даромад ба ҳисоб рафта, дар шароити имрӯза ҳамчун воситаи асосии

қарздиҳӣ ва таъмини инкишофи фаъолияти соҳибкории хурд низ баромад мекунад. Ҳамчун қарздиҳии хурд ҳамчун механизми тиҷоратӣ истифода мешавад, хусусиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта, ба табақаи осебпазир ва камбизоат пешниҳод мешавад. Аз ин лиҳоз бо назардошти васеъи ҷойдошта ва аҳамияти муҳими қарздиҳии хурд, хусусан дар сатҳи деҳот, сараввал таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва марҳилаҳои рушди қарздиҳии хурд дар кишвар ташаккул ва аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта мубрамияти мавзӯи кори Вазирзода Дилором Раҷаматро муарифӣ мекунад.

**Робитаи тахқиқот ба барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.**

Мавзӯи таҳқиқоти дисертатсионии Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзӯи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» робита ба талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2023 ироа намуданд, Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба муқаррароти назариявӣ ва амалии маблағгузории хурд иҷро шудааст.

**Эътимодноки дараҷаи навгониҳо ва натиҷаҳои дар диссертатсия бодастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Навгониҳои илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои илмии диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат натанҳо дар асосноккунии ҷанбаҳои услубӣ ва назариявии ташаккул ва равнақёбии маблағгузории хурд зоҳир мегарданд, балки дар такмили механизми ташаккул ва равнақи қарзи хурд асосноккунонии рушди устувори низоми маблағгузории хурд ва танзими бозори он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ ва назариявӣ доранд.

**Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаанд аз бандҳои зерин иборат мебошанд:**

1. Дар асоси омӯзишҳои амиқи илмии доктринаҳои олимони хориҷию ватанӣ ҷанбаҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир муайян карда шуда, мафҳуми маблағгузории хурд ҳамчун шакли фаъолияти молиявие, ки мақсади он дар шароити муосир ҷалб намудани даромад, ба воситаи иҷрои хизматрасониҳои мухталифи молиявӣ, маъмулан ба аҳолии камбизоат ё субъектҳои хоҷагидории хурду миёна аз қишрҳои гуногуни ҷомеа, дар асоси зарурати беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мебошад, маънидод шудааст;

2. Таҳқиқ гардид, ки ба сифати хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд: дастрасии озод ба қарзҳои хурд, пешниҳоди микроқарзҳо ба шаҳрвандони камбизоат, махсусан, занҳо, модарони танҳо ва оилаҳои серфарзанд, ки барои бозгашту истифодаи мақсадноки микроқарзҳо масъул ҳастанд, қарзҳои хурд бидуни гарав дода мешаванд, ҳангоми истифодаи қарзҳои хурд системаи кафолати гурӯҳӣ истифода мешавад, яъне гурӯҳ барои пӯшонидани қарзи аъзоёнаш ҷавобгар мебошад, мусоидат ва рушди гурӯҳҳо заминаи дастрасии ояндаи онҳоро ба қарзҳои хурд таъмин мекунад, маблағгузории хурд ба шахсони алоҳида ва хонаводаҳои камбизоат равона карда шудааст, ҳамчунин, микрокорхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ низ аз хизматҳои маблағгузории хурд бояд бархурдор бошанд, маблағгузории хурд ин фаъолиятест, ки дар худ симбиози ҳадафҳои иҷтимоӣ ва самараи тиҷоратиро таҷассум менамояд, дохил мешаванд;

3. Вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он таҳлил шуда, раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба пастравии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, амсилаи бисёрченкаи иқтисодӣ-оморӣ аз рӯи нишондиҳандаи маблағгузории хурд бо 5 омили ба он таъсиррасон таҳия карда шуда, дар алоқамандии хеле зич қарор доштани онҳо муайян карда шуд;

4. Тавсияҳои илман асоснок кардашудаи такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, масоили беҳтаргардонии таҷрибаи маблағгузории хурд аз нигоҳи коркард ва

такмили маҳсулоту хизматрасониҳо, унсурҳои асосии тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди устувор ва идоракунии пардохти қарзҳо ва пешгирии зарарҳо ҳамчун шарти муҳимми устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод карда шудааст;

5. Дурнамои маблағгузориҳои хурд аз рӯи амсилаи регрессионӣ коркардшуда, бо усули SWOT-таҳлил вазъи тарафҳои мусбӣ ва манфии бозори маблағгузории хурд нишон дода шуда, роҳҳои танзими давлатии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш шудааст;

6. Таҷрибаи ташаккул ва рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ омӯхта шуда, зикр шудааст, ки дар мамолики барвақтар татбиқсозиро оғоз карда, маблағгузории хурд бисёр ташаккул ёфта, ба зиёдшавии даромади хонаводаҳо мусоидат карда, барои рушди сармояи зеҳнӣ-инсонӣ шароит фароҳам овардааст. Он барои ашхоси воқеӣ, аз ҷумла ба бекорони дорои неруи эҷодӣ ва соҳибкорӣ имкон додааст, ки барои оғози ин ва ё он фаъолият сармоя дастрас намуда, ягон намуди машғулияти фоидаоварро ташкил намоянд. Инчунин, дар ин замина амалисозии ҷузъиёти муҳими таҷрибаи давлатҳои дар самти маблағгузории хурд ташаккулёфта тавсия гардидааст.

**Сохтор ва мазмуни қисматҳои асосии таҳқиқоти илмӣ.**

Кори дисертатсионӣ аз муқадима, 3 боб, хулосаю пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт аз 150 номгӯй, матни асоси 193 саҳифаи чопии компютерӣ, 17 ҷадвал, 10 расм ва 8 диаграмма иборат мебошад.

Дар муқадима мубрами мавзӯъ, дараҷаи таҳқиқот, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо , мақсад, вазифаҳо , объект, марҳила ва асоснокии назариявӣ , асосҳои методологӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот ва ғара баррасӣ шудаанд.

Дар боби якум “Асосҳои назариявӣ- услубии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд” дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир; хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ташаккул ва равнақи раванди маблағгузории хурд ; методикаи маблағгузории хурд ва фарогирии аҳолии камбизоат таҳқиқ шудаанд.

Дар ин қисмати диссертатсия дар асоси таҳлил ва таҷзияи назарияҳои олимону муҳақиқони ватанию хориҷӣ қайд карда шудааст, ки бо як қатор

сабабҳои объективию субъективӣ аҳолии камбизоат аз хизматрасониҳои молиявии институтҳои молиявӣ-қарзии анъанавӣ бебаҳра мемонанд (саҳ.17). Ақидаҳои мунақидонаи муаллиф дар бораи мафҳуми маблағгузории хурд (саҳ.18, 21, 24, 25), маблағгузории хурдро ҳамчун василаи пурқувват барои рушди бизнеси хурд ва қонунигардонии судхӯрӣ (саҳ.19), ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Тоҷикистон (саҳ.22), мафҳуми микрамолиякунонӣ, мафҳуми маблағгузории хурдро ҳамчун усули мубориза бо қашшоқӣ (саҳ.24), намудҳои асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд (расми 1, саҳ.27), вазифаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии маблағгузории хурд (саҳ.29), вазифаҳои маблағгузории хурд ва доираи иҷроиши онҳо (расми 2.), арзёбии хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд (саҳ.40), методикаҳои паҳншудаи маблағгузории хурд (ҷадвали 1.3.1, саҳ.52), тарзҳои муайянкунӣ ва равонасозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба аҳолии қашшоқ (саҳ.64) баррасӣ ва таҳқиқ карда шудааст.

Ба андешаи муаллиф маблағгузории хурд кулли методикаҳоро ба ду навъ ҷудо мекунанд, кулли методикаҳои номбурда барои равонасозӣ ва фарогирии аҳолии табақоти камбизоату қашшоқ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд нигаронида шудааст, сабабҳо ва зарурияти муайянкунии ашхосу табақоти аҳолии қашшоқ натиҷагирӣ шудаанд (саҳ.69).

Дар боби дуюм “таҳлили вазъи рушди маблағгузории хурд ва арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”,вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он; раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; амсиласозии иқтисодӣ – омории амалҳои рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ шудаанд.

Дар зербобҳои боби мазкур низоми маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.75), мафҳумҳои микроқарзҳо, микропасандозҳо, микросуғурта, микролизинг (саҳ.77), вазифаҳои ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва самтҳои фаъолияти он (саҳ.79,80, 82), динамикаи теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, солҳои 2010-2023 (диаграммаи 2.1. саҳ.83), ҳиссаи қарзҳои додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳаҷми умумии қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, (солҳои 2015-2023, ҳазор сомонӣ, %) ( диаграммаи 2.2. саҳ.84), динамикаи рушди шумораи мизоҷони ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, нафар) (диаграммаи 2.3. саҳ.85), динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2023 (ҷадвали 2.1.1. саҳ.86), қарзҳои пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзии хурд, бақияи қарзҳои хурд, сармоягузориҳо, хизматрасониҳои ташкилотҳои хурди қарзӣ (саҳ.87), қарзҳои хурди додашуда аз рӯи минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, ҳазор сомонӣ, %) (ҷадвали 2.1.2. саҳ.88) таҳлилу таҳқиқ карда шудаанд. Инчунин дар зербоби дигар нақши ташкилотҳои хурди қарзӣ дар бахши паст кардани сатҳи камбизоатӣ (саҳ. 94), раванди маблағгузории хурд ба кулли ташкилоту муассисаҳоеро, ки дар ин ва ё он шакл ба маблағгузории хурд машғуланд (саҳ.95), раванди маблағгузории хурди ТМХ барои беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2007-2023, ҳазор сомонӣ, %) (диаграммаи 2.4. саҳ.96), динамикаи қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд барои соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2023, ҳазор сомонӣ, фоиз) (диаграммаи 2.2.1 саҳ.98), кушодани пасандозҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати 15.04.2024) (ҷадвали 2.2.2. саҳ.100), тамоюлҳои пасандозҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023 (диаграммаи 2.5. саҳ.102), системаи суғуртаи пасандозҳо дар ҶСП ТАҚХ "ҲУМО" (ба ҳолати 15.04.2024) (ҷадвали 2.2.2. саҳ.104) арзёбӣ гардида, дар зербоби дигар омилҳои асосии рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2010-2023, млн.сомонӣ) (ҷадвали 2.3.1., саҳ 104), формулаи коэффисиенти коррелятсияи хаттӣ (саҳ.115,116), матритсаи коэффисисентҳои коррелятсия (ҷадвали 2.3.2., саҳ.116), натиҷаҳои амсиласозии регрессияи бисёрченака (ҷадвали 2.3.3., саҳ 117), аҳамиятнокии

коэффитсиентҳои софи регрессия (саҳ.119), ҳудуди имконпазири хатогии миёнаи аппроксиматсия (саҳ.120), тамоюли нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ҳисобии қарзҳои хурд (солҳои 2010-2023, млн. сомонӣ) (диаграммаи 2.6. саҳ. 121) тамоюли нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ҳисобии қарзҳои хурд (солҳои 2010-2023, млн. сомонӣ) (ҷадвали 2.3.6. саҳ. 122) амсиласозии иқтисодӣ-оморӣ гузаронида шудааст.

Боби сеюм "самтҳои асосии ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба мукамалсозии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон; танзими давлатии ташаккул ва равнақи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҷрибаи хориҷии рушди маблағгузории хурд ва имконияти истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшида шудааст.

Дар зербобҳои он масъалаҳои иқтидори нишондиҳандаҳои молиявии ТМХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати 31.12.2023, млн. сомонӣ) (ҷадвали 3.1.2. саҳ.125), алоқаи мустақиму ғайримустақими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз тарафи муаллиф пешниҳод гардида, инчунин тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди босубот дар се ҷабҳа мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ.127), арзёбии таҷрибаи ташкилотҳои муваффақи ин бахш аз тарафи муҳаққиқ (саҳ. 128), инчунин пешниҳоди чораҳо оид ба беҳтаргардонии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил (расми 6, саҳ.130). Ғайр аз ин аз тарафи муаллиф пешниҳоди унсурҳои асосӣ барои тарҳрезии ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил (саҳ. 131), стандартикунонӣ барои баландбардории фоиданокӣ ва сарфкунии амалиётҳо (саҳ.132), тарзу усулҳои пешгирии зарарҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурди навташкил (расми 3.1.3. саҳ.140), SWOT - таҳлили вазъи бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 3.2.1. саҳ.149), пешниҳоди танзими бозор ба баланд бардоштани дастрасии қарзҳо барои тоифаи субъектҳои иқтисодӣ (саҳ.155, 156), пешниҳоди танзими давлатии ташаккул ва равнақи фаъолияти маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (расми 9, саҳ.157), таҳлилу

баррасии таҷрибаи хориҷии рушди маблағгузориҳои хурд (саҳ. 160 -166), арзёбии хусусияти фарққунандаи бозори маблағгузории хурди Тоҷикистон (саҳ.169), пешниҳоди истифодаи ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ дар Тоҷикистон (саҳ. 172) таҳлил, баррасӣ ва пешниҳод карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо.**

Дараҷаи илмии дессертатсия, мантиқан пешниҳод кардани маводҳо қобилияти баланди илмии унвнҷӯйро дар кушодани ҷанбаҳои назариявию методӣ, ки равандҳои ташаккулдиҳии механизми рушди маблағгузории хурдро таъмин менамояд, гувоҳӣ медиҳад. Кори иҷрошуда дорои базаи исботкунандаи натиҷаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, мазмун ва объекти таҳқиқот мебошад. Дар кори диссертатсионӣ методҳо ва методологияи ҳозиразамони таҳқиқот истифода шудаанд. Натиҷаҳо ва нуқтаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мазмуни кор мантиқан пайваст. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок ва мазмуни диссертатсияро нишон медиҳанд. Унвонҷӯ нуқтаҳои консептуалӣ ва тавсияҳои амалӣ нисбати ташаккул ва равнақи маблағгуории хурд пешниҳод кардааст.

Ҷанбаҳои илмӣ, хулосаҳо. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия омада шуда дар асоси таҳлили иттилоотҳои зиёди илмӣ ва оморӣ, ки дорои сарчашмаҳои эътимоднок мебошанд саҳми аразандаи назарияви ва амалии худро дар ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд мегузоранд. Ҳамчунин ҷамбаҳои назариявӣ ва методологӣ, фаҳмиши муаллиф оид ба моҳияти иқтисодию иҷтимоии маблағгузории хурд , асоснокунии зарурияти таҳлили ҳамаҷонибаи васеъи воқеии маблағгузории хурд дар кишвар ва пешниҳод маблағгузории хурд ба аҳолӣ ва соҳибкорон доимо ғуннамоии иттилоот ва маводҳои оморӣ  ва таҳлили онҳо асосноки ва эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти Вазирзода Дилором Раҷамат мебошанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти тавсияҳо оиди истифодабарии онҳо.**

**Аҳамияти илмии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ.** Пешниҳодҳо  ва хулосаҳои дар диссертатсия  дарҷгардида  ба мукаммал гардидани донишҳои

назариявию методии раванди ташаккул ва равнаки маблағгузории хурд мусоидат карда, як қатор тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, метавонанд тадбиқи амалии худро дар низоми идоракунии соҳа ва ҳамчунин, дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ пайдо кунанд. Инчунин натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия оварда шуда метавон дар самти ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Аҳамияти амалии диссертатсия.** Тавсияҳои пешниҳодгардида дар диссертатсия оид ба ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявиро дар низоми маблағгузории хурд таъмин карда, имкониятҳои молиявии аҳолиро васеъ намуда, дар танзими фаъолияти бозори маблағгузориҳои хурд бо истифода аз диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ мусоидат намуда, боиси рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бозорҳои маҳаллӣ ва минтақавию ҷумҳуриявӣ мегардад. Хусусияти муҳими амалии кори диссертатсионӣ дар он мушоҳида мегардад, ки пешниҳодҳои ироа гардида барои амалисозии стратегия ва барномаҳои давлатӣ ҳамчун роҳнамои татбиқ хизмат мекунад.

**Аҳамияти иқтисодии кори иҷрошуда.** Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳо, чорабиниҳои пешниҳодшуда оиди ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд, роҳҳои ғанигардонии захираҳои маблағгузории хурд дар ташкилотҳои қарзӣ, самаранок истифода бурдани онҳо омили таъмини устувории нишондиҳандаҳои ташкилотҳои молиявию қарзӣ, рушди соҳибкорӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ, корҳои сохтмонӣ ва дар умум рушди иқтисодиёти кишвар мебошад.

**Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот.** Аҳамияти иҷтимоии кори таҳқиқшуда дар паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, таҳсиси ҷойҳои кори нав ва ҳалли проблемаи бекорӣ , рушди худмашғулӣ, рушди ҳунарҳои мардуми дар қаламрави кишвар бо кор таъмин намудани занҳои хонашин, баланд

бардоштани даромади мардум ва сатҳи зиндагӣ зоҳир мегардад. Гуфтаҳои боло самаранокии иҷтимоии корро тасдиқ менамонд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, бо нишондоди 7,5 ҷузъи чопи (4,6 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) нашр гардидаанд.

**Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсионӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Дар маҷмуъ, барасмиятдарории диссертатсия ба «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия» (қарори Раёсати КОА ҶТ (аз 28 июни соли 2017 №3/1) талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати квалификатсияи илмии унвонҷӯ ба дараҷаи илмӣ.**

Вазирзода Дилором Раҷамат аз ҷиҳати илмӣ мутахассиси дар самти ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд буда, диссертатсияи иҷрошуда ба ихтисоси илмии интихобшуда мутобиқат мекунад. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ мундариҷа ва мазмуни он ба талаботи шиносномаи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ мебошад. Натиҷаҳои илмии ба даст овардаи унвонҷӯ ба талаботи квалификатсияи илмии дараҷаи илмӣ мувофиқат мекунад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии кори диссертатсиониро дар худ инъикос намудаанд.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳлили мазмуни кори диссертатсионии Вазирзода Дилором Раҷамат нишон дод, ки дар зери вазифаҳои гузошташуда ҳадафи кор иҷро шудааст, вале боз баъзе камбудию норасогиҳо ҷой доранд.

1. Дар зербобҳои 1.1. ва 1.2. ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ нисбати масъалаи баррасишаванда овардашуда, ақидаи мунақидонаи муаллиф кам ба назар мерасад;

2. Дар ҷадвалҳо рақамҳо ҳархела. Мисол дар ҷадвал 2.1.1. (саҳифаи 96) қарзи ташкилотҳои маблағгузории хурд барои соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023-4928,2 млн сомонӣ, дар ҷадвали 2.3.4. (саҳифаи 120) -13585,6 млн. сомонӣ кадомаш дуруст аст, норавшан боқӣ монда аст;

3. Дар саҳифаи 112 дар ҷадвали 2.3.1. омилҳои рушди маблағгузории хурд дар ҶТ ба монанди: бақияи пасандозҳо, дороиҳои ТҚМ, ҳаҷми сандуқи қарзӣ, захираҳои бонкӣ, сармояи ТҚМ, даромади пулии аҳолӣ номбар шудаанд. Ба андешаи мо бидуни даромади пулии аҳолӣ омилҳои гуфташуда бештар ба сарчашмаҳои ташаккули захираҳои маблағгузории хурд монанди доранд;

4. Дар боби 3-юм агар таҷрибаи такмили ҳаҷми маблағгузории хурд ба ягон таҷрибаи ба давлати мо ҳамсоя (Узбекистон, Қирғизистон ва ё Қазоқистон) таҳлили қиёсӣ карда мешуд, кор ранги дигар мегирифт;

5. Дар рисолаи илмӣ баъзе хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва орфографӣ мавҷуд буда, ислоҳи онҳо сифати корро боло мебарад.

Эроду дархостҳои болозикр сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Вазирзода Дилором Раҷаматро коҳиш намедиҳанд, чунки баъзе аз онҳо баҳсталаб ва баъзеи дигараш тавсиявӣ мебошанд.

Дар умум, кори диссертатсионии Вазирзода Дилором Раҷамат таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ, тавсияҳои амалию услубӣ дошта, мустақилияти унвонҷӯйро дар таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд, роҳҳои баландбардории самаранокии иқтисодию иҷтимоии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, омода кардани пешниҳодҳо ва тавсияҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқотро нишон медиҳад.

## Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ, мундарича ва шакли баёни диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди низоми бонкдорӣ, хусусан ташкилотҳои маблағгузории хурд доро аст, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Вазирзода Дилором Раҷамат сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишоҳи Словянии Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода, 30 Тел.: (+992 37) 221-35-50.
Тел./Факс: (+992 37) 221-05-70; 227-77-53.
Почтаи электронӣ: sultan@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Султонов З.С.-ро
тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

«12» 06 соли 2024